**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Наҳв яке аз қисматҳои муҳимми дастурии ҳар як забон маҳсуб ёфта, пажуҳиши воҳидҳои он яке аз масъалаҳоест, ки то ба имрӯз идома дорад. Дар забоншиносии тоҷик забоншиносону олимон ба масъали омӯзиши наҳв аз асрҳои миёна сар кардаанд, ки дар такомули он нақши мутафакирон амсоли Абуали ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва дигарон басо калон аст. Дар садаи ХХ бошад, ба масъалаи омӯзиши наҳв забоншиносон Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳамадов, Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ф. Зикриёев ва дигарон рӯ овазданд.

Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, зеро ин мавзуъ аз лиҳози муқоиса дар забонҳои тоҷикиву англисӣ то ба ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Орзузода Парвина Ҷамолидин соли 1993 ба факултети забонҳои хориҷӣ, шуъбаи англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳозира Садриддин Айнӣ) дохил шуда, соли 1998 донишгоҳи мазкурро бо дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯйи ихтисоси «забонҳои англисӣ ва немисӣ» хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19-уми ноябри соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ қабул карда шудааст. Айни ҳол Орзузода Парвина дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар кафедраи забонҳои хориҷӣ кор ва фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима роҷеъ ба муҳиммияти мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ маълумот дода шуда, саҳми онҳо дар таҳаввули масъалаҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа муайян карда шудааст. Ҳамчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас таъкид гардида, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, маводҳои истифодагардида ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, зикр гардидаанд.

Боби якум – **«Асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст ва дар он роҷеъ ба сарчашмаҳои пайдоиши ҷумлаҳои пайрави

ҳол, аз ҷумла, ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои мавриди таҳқиқ маълумот дода шудааст. Ҳамчунин дар ин боб довталаб роҷеъ ба мақоми ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар низоми ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои сохторӣ-маъноии онҳо дар забонҳои муқоисашаванда таҳқиқот бурдааст.

Боби дуюм **«Воситаҳои грамматикии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

Барои ба ҳам алоқаманд намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав нақши пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле муҳим ва назаррас буда, мавқеи ҷумлаҳои пайравро асосан вобаста ба пайвандакҳо муайян месозанд. Дар боби мазкур диссертант мавқеи пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсия ва шаклҳои сиғаи феълию хабариро дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Семантикаи ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар боби мазкур муаллифи диссертатсия роҷеъ ба хусусиятҳои сермаъноӣ, тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа маълумот дода, хусусиятҳои тавофутпазирии навъҳои зикргардидаи ҷумлаҳои пайравро аз дигар навъҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои мавриди таҳқиқ нишон додааст.

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин** фарогири яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки қисмати наҳви илми забоншиносӣ буда, он ба хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва тобишҳои гуногуни маънои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа бахшида шудааст. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Нуқтаҳои асосӣ ва амалии диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин метавонад ҳангоми пажуҳишҳои муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд. Бахшҳои ҷудогонаи диссертатсияро ҳамчун маводи боэътимод ҳангоми гузаронидани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бахшҳои филологӣ, тарҷумонӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ истифода намудан мувофиқи матлаб мебошад. Инчунин, маводи таҳқиқоти мазкур метавонад дар таҳияи курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ», «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ва «Назария ва амалияи тарҷума» истифода шавад.

Қобили зикр аст, ки довталаб аз ухдаи навиштани рисолаи илмӣ, мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои бадастомада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** таҳқиқоти илмии ба анҷом расида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ,
директори Муассисаи давлатии таълимии
«Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат
дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» Каримов Шуҳрат Бозорович

**Нишонӣ:**
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
Ҷамоати деҳоти Корез, деҳаи Данғараи Боло
Тел.: +992 938 370022 ; e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru
«06» ____01____ с. 2025

Имзои Каримов Шуҳрат
Бозоровичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии таълимии
«Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат
дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» Умаров Лутфулло

**Нишонӣ:**
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
Ҷамоати деҳоти Корез, деҳаи Данғараи Боло
Тел.: +992 909509933; e-mail: umarzodalutfullo508@gmail.com
«06» ____01____ с. 2025